*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004-*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳматзода Ҳайдар Бобо ба тадқиқоти диссертатсионии Собирзода Нуралӣ Миралӣ дар мавзӯи "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзииҶумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор", ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаиилмиидоктортиилмҳоииқтисодӣазрӯйиихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ:менеҷментпешниҳод шудааст.**

## 1. Мухиммияти мавзӯи диссертатсия

Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, кирушди иқтисодии тамоми мамлакатҳои дунё бе иштироки фаъолонаи давлат имконнопазир аст. Давра ба давра ин мавқеи давлатӣ дар танзими иқтисодиёт мураккаб мегардад, ин ҷараён аз ниҳодҳои давлатӣ тақозо менамояд, ки ҳангоми муайянсозии сиёсати аграрии худдар шароитҳои гуногуни иқтисодӣ шаклу усулҳои гуногуни танзими давлатии бахшикишоварзиро истифода намоянд.

Мураккабӣ ва таъсири гуногунтарафаибахши кишоварзӣ ба рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ҷомеа, тақвияти майли иҷтимоии иқтисодиёт, гузаштан ба роҳи дигаргунсозиҳои инноватсионӣ ва дигар омилҳо масъалаи иштироки давлатро дар рушди ин бахши хеле муҳими хоҷагии миллӣ ба миён мегузорад. Ташвишовар он аст, ки дар шароити ҳозира на ҳамаи иштирокчиёни бахши кишоварзӣ қонуниятҳо ва тамоюли марҳилаи нави иқтисодиёти ватаниро пурра дарк кардаанд. Ин ҳолат боиси суст гардидани идоракунии равандҳо дар ин бахш мегардад. Бо ташаккулёбӣ, зуҳурёбӣ ва васеъ гардидани муносибатҳои бозорӣ фаъолиятиидоракунӣ дар ҳамаи сатҳҳои бахши кишоварзӣ аз рӯи имконноти ҳозира бонизом вамутобиқ ба шароитҳои нав шуда истодааст.Аммо ин барои қонеъ намудани талаботҳои иқтисоди бозории ҳозиразамон нокифоя аст. Хамин гуна равандҳоро дар сатҳи умумидавлатӣ ва минтақавӣ, дар рафти қабули қарорҳо низ дидан мумкинаст, ки боиси паст гардидани натиҷаи идоракунӣ дар ҳамаи давраҳои такрористеҳсол (истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмолот) мегарданд. Аз ин рӯ зарурияти муккамалсозии низоми танзими давлатии идоракунӣдар сатҳи ҷомеа ва минтақа ба миён меояд. Ин раванд бояд аз рушди инноватсионии бахши кишоварзӣ бояд манша гирад, ки барои муосиргардонии истеҳсолот ва муносибатҳои иқтисодӣ хеле зарур мебошад.

Бахши кишоварзӣ ба истифодаи технологияи пешқадами ҳозиразамон ниёз дорад, ки ҷалби сармояи калони инноватсионӣ ва татбиқи назорати ҷиддиро аз ҷониби ҷомеа тақозо менамояд. Бинобар инзарурияти дигаргунсозиҳои инноватсионӣ дар низоми танзими бахши кишоварзӣ,

соҳаҳо ва звеноҳои аввалини он ба миён меояд. Ҳалли ин вазифа таъмини мувофиқи назариявӣ ва методиро барои такомули танзими давлатии бахши кишоварзӣбо назардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ тақозо менамояд. Аз ин минвол коркарди чорабиниҳо ва интихоби самтҳои таккомули танзими давлатӣ, ташаккули механизми иқтисодии танзими рушди бахши кишоварзӣ, бунёди сохтори аз рӯйи моҳият ва принтсип нави инноватсионӣ, тақвияти дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ муҳиммияти мавзӯи интихобнамудаи Собирзода Нуралӣ Миралиро нишон дода, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро барои назария ва амалияи рушди бахши кишоварзӣ муайян менамояд.

Дарадабиётҳои иқтисодӣ то ҳоло мушкилоти идоракунӣ ва танзими давлатии рушди бахши кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозории ҳозиразамон ва хусусиятҳои амали он дар Ҷумҳури Тоҷикистон ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтаанд. Таҳқиқотҳоидалелнок ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок оиди муайяннамоии самтҳои танзими бахши кишоварзӣ бо назардошти рушди инноватсионӣ ва хусусиятҳои иқтисоди миллӣ, аз он ҷумла фаъолияти мақомотҳои идоракунии давлатӣ дар шароити имрӯза зарур шуда мемонанд. Бинобар ин такмили механизмҳои мавҷудаи танзими давлатии бахши кишоварзии кишвар ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои нави дастгириҳои молиявӣ ва фаъол намудани равандҳои сармоягузорӣ дар ин бахш, дар шароити гузариши мамлакат ба марҳалаи нави рушд, бахусус ба рӯ овардани кишвар ба саноатикунонии босуръат муҳиммияти мавзӯи диссертатсионии унвонҷуйро муаяйн менамояд.

Ҳадафи тадқиқоти мазкур ин асоснок намудан ва таҳияи самтҳои асосии таккомули низоми танзими давлатиии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад.Тибқи мақсади гузошташуда, муаллифи диссертатсия дар назди худ ҳалли масъалаҳои зеринро гузоштааст: шарҳи зарурати танзими давлатии дигаргуниҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ ва асосноккунии он;дида баромадани моҳияти иқтисодии танзими давлатии бахши кишоварзӣ бо назардошти афкори иқтисодии намояндагони мактабҳои мухталифи иқтисодӣ; асоснок намудани асосхои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ошкор намудани хусусиятҳои танзими давлатии бахши кишщварзӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ; таҳияи муқаррароти назариявии шарикии бахши давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии бахши кишоварзӣ; пешниҳоди механизми дастгирии давлатии рушди бахши кишоварзӣ бо дарназардошти ҷудосозии принтсипҳо, шаклҳо, усулҳои танзими давлатӣ; пешкаши роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои бахши кишоварзӣ; баррасии хусусиятҳои қарздиҳӣ ба бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; муайян кардани самтҳои самарабахши давлатии рушди бахши кишоварзӣ бо назардошти омилҳои рақобатпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори бахши кишоварзӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ.

## 2. Сохтор, ҳаҷм, мазмун ва мӯҳтавои асосии диссертатсия

Диссертатсия дар 315 саҳифаи матни чопи машинӣ пешниҳод гардида аз муққадима, чор боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт, ки 234 номгӯй дорад, иборат буда, 22ҷадвал, 18 расм ва 4диаграммаро дарбар мегирад.

Дар **сарсухан** аҳамияти таҳқиқот асоснок гардида, ҳадаф ва вазифаҳо, предмет, объект, сатҳи коркарди илмӣ, заминаҳои назарию методологию иттилоотӣ муайян ва навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаву хулосаҳои кор шарҳ дода шудаанд.

**Дар боби аввал "Асосҳои назариявии танзими давлатии рушди бахши кишоварзӣдар шароити бозор"**ҷанбаҳои назариявию методологии мавзӯъ, аз он ҷумла равиши институтсионалӣ ба танзими давлатии иқтисодиёт, моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои танзими давлатии рушди бахши кишоварзӣ ва таҷрибаи хориҷии рушди соҳадар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ зарурати гузаронидани ислоҳотдарҳамаисоҳаҳобамиёнмеояд, ки таъсири онҳобаҳамаидигар соҳаҳоииқтисодимиллӣмерасад. Заруратиингунаислоҳотпешазҳамаазкуллантағъирёфтанимаҷмӯимуноси батҳоииқтисодиюиҷтимоӣ, фарҳангиюмаънавӣ, сиёсиюсохторӣзаминамегиранд. Бинобар ин, омӯзиширавандҳои тағъиротҳоиинститутсионалииташкили шароит барои рушди соҳаҳоииқтисодимиллӣ, бахусускишоварзӣ, хелемуҳимвазарурмебошанд. Аз ин рӯ, омӯзиши назария ва аз худ кардани донишҳои амалиро доир ба мавзӯъи таткиқот ба анҷом расонида, унвонҷӯй, назарияҳои олимони ватаниву хориҷиро азрӯйитаҳовуллоти танзими давлатии бахши кишоварзӣ ба низом даровардааст (с. 16-20). Пайваста тавассути омӯзиши асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳавуллотиназариявиибуҳронҳои мувозинатӣ ва номувозинатии иқтисодиро дар риштаи таҳлили назариявӣ қарор додааст (с.20-23). Сипас, муаллиф, ба омӯзиши хусусиятҳои такмили институтҳои бахши кишоварзӣ рӯ оварда,накши тағъиротҳоиинститутсионалиибахши кишоварзиро дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод намудааст (с. 23-41).

Дар диссертатсия омадааст, ки барои истифодаи босамари иқтидорҳои мавҷудаи иқтисодиёти Тоҷикистон усулҳои бозорию давлатии танзими иқтисодиёт бояд дар ҳамбастагӣ истифода шаванд, чунки фақат дар якҷоягӣ ин фишангҳо метавонанд мувозинати байни манфиатҳои табақаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодиро таъмин намуда, вазифаҳои дар наздашон бударо иҷро намоянд. Дар давраи дарозмуддат ин ҳамкорӣ барои такрористеҳсоли қувваҳои истеҳсолкунанда дар тамоми соҳаҳоииқтисодимиллӣзарурмебошад (с. 46). Ба ақидаи муаллиф, мақсади асосии танзими давлатии иқтисодимиллӣинмукаммалсозиичорабиниҳоитаҳияимоделирушдисамти алоҳидаинизомииқтисодиимамлакатмебошад.

Бароибадастоварданиинҳадафзаруруаст, ки: хусусияти асосии

бахшикишоварзӣмуайянгардад, яъне самтҳоистратегии фаъолияти соҳа ҷудокардашуда, шартҳоифаъолиятионасоснокшаванд;самтҳоиафзалиятнокифаъолиятбар оибадастоварданимақсадигузошташудамуайянгардад; гурӯҳбандиинамудҳоифаъолиятгузаронидашавад, токивазифаҳоиичрошавандатакрорнашаванд;низоми босамаре ташкил гардад, ки ба тағъиротҳоимуҳитидохилиюберунатобоварбошадвамутобиқгардад; монеаҳобароибадастоварданимаълумотисаривақтӣвамукаммалазбайнбу рдашаванд; мавқеъвафунксияҳоисубъектҳоиасосиихоҷагидорӣмуайянгардида, мавқеионҳодарҳалливазифаҳоигузошташудамушаххаскардашаванд; рушди иқтисодиимамлакатчунинбоядасоснoккардашавад, кидараҷаибаландиҳавасмандгардонӣдаррушдиинноватсиониибахшҳоиа лоҳидаииқтисодиёттаъмингардад; самтҳоиасосиифаъолиятисубъектҳоихоҷагидорӣбоядчунонмуайянваҷор ӣкардашавад, киҳарякионҳоҳиссаихудродарбаландбардориисамаранокииумумиинизом ииқтисодӣдоштабошанд. Бағайразин, зарураст, кибаъзефунксияҳоиичтимоӣбаӯҳдаисубъектҳоиалоҳидаихоҷагидорӣгузо шташавад, то ки дараҷаинекӯаҳволиимардумбаландбардошташавад; дастаи кормандони асосии назоратӣташкилкардашавад, киҷараёниамалисозиибарномаҳоимушаххасимақсаднокваcтратегияҳороз ериназоратгирандваҷавобгарироброиичронашуданисамтҳоиалоҳидаи ин ҳуҷҷатҳоистратегӣбаӯҳдадоштабошандвағ. (с. 48-49).

Муаллиф дар параграфи сеюми боби авввали диссертатсия ба омӯзиши таҷрибаи хориҷии такмили механизми танзими давлатии бахщи кишоварзии шарикиидавлатбобахшихусусӣ (ШДБХ), ки аҳамиятитаърихиву амалӣ доранд, диққати махсус додааст. Муаллиф тибқи таҷрибаиҷаҳонӣшаклҳои моделҳои ШДБХ гурӯҳбандӣ ва шарҳутавсифкардааст (ҷадвали 1, с. 78). Ин бори дигар муҳиммият ва мубрамии омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро ҳангоми ШДБХ ва истифодаи онро дар бахши кишоварзиикишварифода менамояд. Дар диссертатсия таҷрибаи бойи якчанд давлатҳо, аз ҷумла Англия, Франсия, ИттиҳодиАврупо, Австралия, ИМА ва дигар кишварҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки он барои ҳалли муаммоҳоитанзимидавлатии ШДБХ дар бахши кишоварзӣистифодамешаванд. Дар таҳқиқоти муаллиф таҷриба ва усулҳои истифодабарииШДБХ дар Федератсияи Россия, Британияи Кабир, ИттиҳодиАврупо ва Чин баррасӣ гардидааст ва зарурати истифодаи таҷрибаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст (с. 80-89).

**Дар боби дуюм “Ҳолат ва тамоюлҳои танзими давлатии рушди бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** арзёбии иқтисодии рушдибахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавқеъ ва нақши танзими

давлатӣ дар механизми фаъолияти корхонаҳоиин бахшдар кишвар таҳқиқ гардида, самтҳо ва шаклҳои татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия омадааст, ки дар шароити иқтисодибозорӣдарбахши кишоварзииҷумҳурӣбаъзедигаргуниҳобаамаломаданд, кинатиҷаҳоиасосиионҳобароибадастоварданиамниятиозуқаворӣҳамчуно нмуҳимбоқӣмемонанд. Ин зарурати ташаккул додани иқтисодиётибахши кишоварзӣ дар пойгоҳи ҷории баландсифат, коҳишдодани робитаи озуқавориҷумҳурӣбокишварҳоихориҷӣ, афзункардани иқтидори минтақаҳоимуҳимдаристеҳсолисоҳаҳоизироатвагӯсфандпарварӣ, тағйир додани тарзи зиндагӣ ва талаботи марбут ба иттилоот барои рушди соҳаииҷтимоӣ, татбиқисиёсатинавтавассутирушдишаҳракҳоинав, ҳудудҳо, бо мақсадиҷорӣнамуданиҳудудҳоизарурииазҳамҷудошудаикӯҳӣ (зиёдааз 2 млн. га), зиёдкарданиҳифзимуҳитизист, ҳолатҳоиҷомеаи байналмилалиро дар шароити гузариш ба рушди устувор, пайгирӣ мекунад (с. 93).

Стратегияи нави сиёсати рушди бахши кишоварзӣ ва ташаккули ҷузъҳоисамарабахшитатбиқион, азоншаҳодатмедиҳанд, кибахши кишоварзии кишвар ҳолоҳамдарҳолатибӯҳронқарордорадвабароирафъиин, аз давлат андешидан ва татбиқи чораҳоиҷиддӣ тақозо карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ҷумҳурӣ ба яке аз ҳадафҳоистратегиихуд, яъне таъминиамниятиозӯқаворӣноилгардад. Динамикаи бахши кишоварзӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Ҳиссаиин соҳа дар сохтори ММД- и кишвар соли 2018 нисбати 2014 то 5% кам гардидааст (ҷадвали 3). Бо ақидаи муаллиф,соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозории рақобатишадид фаъолият мекунад ва сарфи назар аз дигаргуниҳоимусбӣ, кибаноилгардиданбанишондиҳандаҳоипешазислоҳотмусоидатменамояд, рақобатпазирииимаҳсулотибахши кишоварзии ватанӣнисбатбахориҷӣхелепастаст. Байни солҳои 2014 ва 2018 дарТоҷикистон 563,3 ҳазорга (13,3 %) заминазмуомилотибахши кишоварзӣбаровардашудааст, ҳамзамон масоҳатизаминҳоикорамто 29,7 ҳазоргакамшудааст (ҷадвали 4, с. 98).

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки вокуниши ғамхорона ва саривақтиидавлатба душвориҳо ва мушкилоти ин соҳаметавонадбаҷумҳурӣимкондиҳад, кидарояндаиназдиквобастагиихудроазворидотимаҳсулотикишоварзӣкоҳишдиҳадваҳамчун яке аз омилҳоинекӯаҳволииқтисодиишаҳрвандоникишварварушдииқтисодӣхизматкунад, алалхусусбодарназардоштион, кимушкилоти камғизоӣ бо баланд бардоштани нархҳоимаводихӯрокадартамомиҷаҳонмубрамгашт (с. 92-114). Инчунин механизми дастгирии давлатӣ метавонад шаклҳои гуногуни таъминоти моддӣ ва молиявии рушди бахши кишоварзӣ, аз қабили дастгирии мустақим (субсидия), ғайримустақим (андозбандии

имтиёзнок ва ғайра), бевосита ё бавоситаи давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ин бахшро дарбар гирад. Вобастагии мутаносиби шаклҳои дастгирии мазкур ба механизм субот ва самаранокии иловагӣ мебахшад (расми 6, с.125).

Вобаста ба ин, муаллиф, самтҳоизерини стратегии танзими давлатии бахши кишоварзиро муайян менамояд: ҳавасмандгардонииафзоишиҳосилнокиимеҳнат ба воситаи суръатбахшии саноатӣва диверсификатсия; иштирок дар таъмини амнияти озуқавориикишвартавассутирушдватанзимибозоридохилииозуқаворӣ, мусоидатбарушдвататбиқи иқтидори содиротӣ, рушдиинфрасохторимолиявӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ (расми 7, с. 127).

Муаллиф таҳлилисамтҳовашаклҳоитатбиқишарикиидавлатвабахшихусусиродарсоҳаи кишоварзӣ гузаронида, исбот намудааст, ки муҷаҳҳазгардонииқтисодиётваташаккулимоделинави танзими давлатии иқтисодиётикишоварзӣдарҶумҳурииТоҷикистон, муайяннамоӣватаҳияиравишҳоинавбароирушдиинститутҳоимувофиқитаъминкунандаишарикӣботиҷоратротақозомекунад. Рушди он имкон медиҳад, ки тарафҳои пурқуввати шарикии давлат ва соҳибкорӣ барои ба даст овардани самараи баланд, сафарбар кардани захираҳовасармоягузорӣдарҳаллимасъалаҳоиафзалиятнок, татбиқилоиҳаҳоиинноватсионӣвакамкарданихавф истифода бурда шавад (с. 130-149).

**Дар боби сеюм «Механизми молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии рушди бахши кишоварзӣ”** масъалаҳои механизми молиявии танзими давлатии бахши кишоварзӣдар шароити бозор, шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатии молиявии соҳа, хусусиятҳои қарздиҳӣ дарбахши кишоварзииТоҷикистон мавриди таҳқиқ карор гирифтанд.

Дар дисертатсия омадааст, ки вазъи муосири рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бе дастгирии давлатӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатии ин соҳа ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани маҳсулоти бахши кишоварзии кишвар дар бозорҳои ватанӣ ва хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар танзими давлатии бахши кишоварзӣ нақши махсусро танзими молиявӣ ишғол менамояд, ки дар бисёр кишварҳои дунё ҳамчун фишанги муҳими рушди ин соҳа истифода карда мешавад. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши танзими молиявии бахши кишоварзӣ дар рушди соҳа назаррас набуда, мукаммалгардонии он таҳқиқотҳои алоҳидаро тақозо менамояд. Ин пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, дастгирии молияви бахши кишоварзӣ дар муқоиса ба давлатҳои ғарб нокифоя аст. Аз назари муаллиф низоми дастгирии давлатии молиявӣдарбахши кишоварзӣбоядмаҷмӯӣ бошад. Он метавонад як қатор зернизомҳоро аз қабили таъминоти меъёрӣ –

ҳуқуқии рушди соҳа, амалисозии кӯмаки молиявӣ-қарзӣ ва моддӣ – техникии бахши кишоварзӣ; рушди кооператсия ва ҳамгироии корхонаҳои соҳа бо корхонаҳои коркард, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна ва калон ва ғайраро дар бар гирад. Зимни таҳлили муаллиф муайн гардид, ки ҳаҷми хароҷоти буҷет ба рушди бахши кишоварзӣ дар соли 2013 - 2,7 %-ро ташкил медод ин нишондиҳанда дар соли 2018 то 0,8 % паст гардида, дар давраи таҳлилшаванда 3,37 маротиба кам гардид. Дар баробари ин агар дар соли 2013 ҳиссаи хароҷот дар бахши кишоварзӣ 8,82 % аз ҳаҷми умумии андозро ташкил медод ин нишондиҳанда дар соли 2018 ба 2,23 % расид (ҷадвали 8,с. 159)

Сипас дар диссертатсия хусусиятҳоихосибахши кишоварзӣ баррасӣ гардида, муайян шуд, ки ҷолибиятиқувваикорӣва сармоягузориро ба таври назаррас коҳишмедиҳанд. Рақобатпазириинокифояимаҳсулотдарбахши кишоварзӣбахусусиятимавсимӣваистеъмолибаландимаводиистеҳсолӣ, сустииҳаракатизахираҳоимоддиютехникӣ, вобастагиисахтазшароититабиӣваиқлимӣ, хавфҳои назаррас ва доимӣдаристеҳсолвафурӯшимаҳсулот, ки ба гирифтани даромади оқилонаваустувор, номутобиқатиинархбаталаботва пешниҳодот ба бисёр маҳсулотибахши кишоварзӣ ва як қатороmилҳоидигар вобастаанд. Зимни таҳлилҳомуаллифбахулосаеомад, киомода набудани бахши кишоварзии ватаниро ҳангоми узвият ба СУС ба инобат гирифта, ба андешаи мо, рад кардани дастгирии давлатии молиявии корхонаҳоибахши кишоварзӣдаршароитикунуниииҷтимоӣ - молиявииминтақағайриимконаст. Азинрӯ, ҷустуҷӯичораҳои дигари иқтисодӣвамеханизмҳои дастгирии молиявӣ зарур аст: таҷдидибазаимеъёрӣ - ҳуқуқиибахши кишоварзӣ; тағйир додани самтҳоидастгириимолиявиидавлатӣдарсатҳиминтақавӣ, бодарназардоштихусусиятҳоиминтақаваистифодаитаҷрибаиҷаҳонӣмувофиқипринсипҳоиСУС (с.180-199).

Муаллиф дастгири молиявии бахши кишоварзиро таҳлилнамуда, муайянкард, кисаҳмиташкилотҳоиқарзӣпоёнрафта, ҳиссаи маблағҳое, киазҷонибидавлатбароидастгириибахши кишоварзӣдарТоҷикистондодашудааст, танҳо 0,68 % арзишитамомимаҳсулотибахши кишоварзиробадастовардааст. Барои муқоиса, дар кишварҳоиИттиҳоди Аврупо, ин рақамбешаз 45 % - роташкилмедиҳад. Инчунин муайян шуд, ки дарсохторибуҷетидавлатииҶумҳурииТоҷикистонмаблағгузориимустақимибахши кишоварзӣпешбинӣнашудааст. Вобаста ба ин, муаллиф, роҳҳои такмили дастгириҳои молиявии ин соҳаро пешниҳод менамояд (с. 200-222)

**Дар боби чорум “Самтҳои афзалиятноки мукаммалсозии механизми танзими давлатии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

равишҳои консептуалӣ доир ба таҳияи стратегияи рушди инноватсионии бахши кишоварзӣ, самтҳои таъсиси механизми самарабахши танзими давлатии рушди соҳа, стратегияи инкишофи соҳаи кишоварзӣдар шароити шарикии давлат ва бахши хусусӣ коркард ва пешниҳод гардидааст.

Дар дисертатсия омадааст, ки барои татбиқи сиёсати бахши кишоварзии давлат зарур аст ба бахши кишоварзии инноватсионӣҳамчун низоми худинкишофёбанда такя намуд. Вобаста ба ин муаллиф модели рушди инноватсионии бахши кишоварзииҶумҳурииТоҷикистонро таҳия ва пешниҳод намуда, самтҳои стратегии сиёсати инноватсионии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои татбиқи онро тавсия додааст. Муаллиф афзудааст, ки «таҳлилнишонмедиҳад, кидарбахши кишоварзииТоҷикистонбароирушди самаранок ва инноватсионии соҳаҳоиалоҳидаимкониятҳоивасеъмавҷуданд. Ҳамаиинбофарогирии 30-35% истеҳсолкунандагонифаъолибахши кишоварзӣ, кион ҷо дастовардҳоиилмутехникавакоркардисамтҳоиинноватсиониирушдиистеҳсолотамалӣкардамешавад, имконпазираст» (с. 223- 242).

Ҳамзамон, дар диссертатсия омилҳои ташаккули бартарии рақобатии корхонаҳои бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шуда, муаллиф, самтҳои стратегии рушди онҳоро пешниҳод намудааст, ки нақши махсус хоҳанд дошт: маҳалликунонии сохтори истеҳсолоти маҳсулоти бахши кишоварзӣ дар сатҳиминтақавӣ, баланд бардоштани сифати пахтаи хом ҳамчун маҳсулоти асосии бахши кишоварзии Тоҷикистон ва ҷорӣнамуданитехнологияҳоипешрафтаихушксозиион ва инкишофи робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳоибахшикишоварзӣ ва саноатӣ. Вобаста ба гуфтаҳоиболосамтҳои асосии дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ пешниҳод шуданд (с .243-264).

Муаллиф ба усули муҳим-таҳқиқи алоқамандииии рушди соҳаи кишоварзӣдар асоси инкишофишарикиидавлатбобахшихусусӣ рӯ овардааст. Бо ин усул муҳақиқ имкон пайдо намудааст, ки алоқамандиисифатиюмиқдории омилҳову натиҷаҳоро ошкор намояд. Ба ақидаи муаллиф,афзалиятҳовасамтҳоирушдишарикӣдарбахшикишоварзииҶумҳурииТоҷикистонбояддарасосистратегияҳоирушдииҷтимоиюиқтисодӣ, қобилиятҳоимақомотидавлатӣбароитаҳияватакмиливоситаҳоишахсиихудбосармоягузоронмуайянкардашаванд.Инчунин муаллиф пешниҳод менамояд, ки кластери инноватсионӣҳамчун шакли ташаккулииҷтимоиюиқтисодиикомплекси агросаноатииҶумҳурииТоҷикистономилҳоизеринишарикиихусусиро бояд истифода барад: шароити мусоиди хок ва иқлимбароиистеҳсолимаҳсулотимуайянибахши кишоварзӣвахӯрокворӣ; мавҷудиятизахираҳоимеҳнатӣбароиистеҳсолимаҳсулотиалоҳидаибахши кишоварзӣ; мавҷудиятизамин; мӯҳлатҳоипешрафтаиоғозиистифодабариинатиҷаҳоифаъолиятиилмӣ ва

илмию техникии ташкилоти илмӣ, киузвикластериинноватсионӣбароиистеҳсолимаҳсулотиалоҳидаибахши кишоварзӣмебошад;
истифодаиробитаҳоииқтисодиихориҷӣвасодиротиихуд;
истифодаитамғаҳоимолӣвабрендҳоихуд;
истифодаиробитаҳоииқтисодиихориҷӣвазахираҳоимолиявӣбароибадаст оварданвататбиқнамуданитехнологияҳоинавватаҷҳизотинавбароиистеҳс олимаҳсулотихӯрокворӣ (с.266-282)

**Дар хулоса** ва замима натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда шуда, хулосабарорӣ шудаанд. Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо дар 35 банд омадааст.

**3.Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалии илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи такмили механизмҳоитанзимидавлатии бахши кишоварзии ҶумҳурииТоҷикистон, коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили механизмҳои фаъолсозии танзими давлатии бахши кишоварзӣ рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷиро дар соҳаи назарияи танзими давлатии бахши кишоварзӣ, такмили механизмҳои он, рушди инноватсионии бахши кишоварзӣ ва рушди ҳамкориҳои давлатӣбобахшихусусӣ эҷодкорона истифода бурда тавонистааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳоиумумиилмӣ ва махсус: таҳлил ва омӯзиш, усулҳои индуксия ва дедуксия, таҳлили қиёсӣ, усулҳои баҳодиҳии тағйирёбии сохторӣ, таҳлили абстрактию мантиқӣ, монографӣ, усулҳои иқтисоди оморӣ ва математикӣ татбиқ шудаанд.

Заминаи иттилоотии тадқиқотиилмиро дастурҳо,баромадҳова ПаёмҳоиАсосгузорисулҳу ваҳдатимиллӣ–Пешвоимиллат, ПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон, маълумотиАгентииомориназдиПрезидентиҶумҳурииТоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣваидораиамволидавлатииҶумҳурииТоҷикистон, маводҳоичопии даврагииқтисодӣвавоситаҳои ахбори омма, маводҳоиконференсияҳо, маводҳоитаҳлилӣватадқиқотӣ, захираҳоииттилоотиишабакаи«Internet» ва мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таддқиқот гирд оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**4. Саҳеҳӣ ва навгонии татқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Диссертатсияи Собирзода Нуралӣ Миралӣ кори илмии мустақилона иҷрошуда мебошад, ки дар худ натиҷаҳои илмӣ, илман исботшуда ва эътимоднокро дар бар мегирад ва навъоварии илмӣ дорад. Ин ҳама дар даҳ муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда таҷассуми худро ёфтаанд. Тавсияҳо, муқарраротҳо ва хулосаҳои аз ҷониби муаллиф пешкашгардида бо тариқи ҷиддӣ асоснокшуда мебошанд.

1.Аз ҷониби унвонҷӯй зарурияти танзими давлатии дигаргуниҳои институтсионалӣ дар бахши кишоварзӣ, ки пеш аз ҳама аз принтсипи эволютсионии рушди иқтисодиёт бармеояд, асоснок карда шудааст. Мувофиқи ин ақида институтҳои бахши кишоварзӣ нисбат ба дигар сохторҳои институтсионалӣ инертсияи назарраси рушдро нишон медиҳанд ва дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникиро бо такя ба технологияҳои анъанавӣ суст истифода мебаранд. Ин бошад, таъсиррасонии давлатро дар танзими равандҳои институтсионалӣ дарбахши кишоварзӣ тақозо менамояд. Илова бар ин зарурат ба идоракунии давлатӣ натанҳо дар давраҳои буҳронӣ, балки дар дигар марҳалаҳои рушди бахши кишоварзӣ барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани самараи рушди устувор ба вуҷуд меояд;

2. Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳлили афкори илмии намояндагони мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсианӣ ва институтсионалӣ мазмуни танзими давлатии бахши кишоварзиро чунин муайян намудааст: ин ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимӣ мебошад, ки ниҳодҳои давлатии ваколатдор бо истифода аз шаклу усулҳо ва фашангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳои хоҷагидории соҳаро бо мақсади таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат ва баландбардории некуаҳволии мардум амалӣ менамоянд;

3.Унвонҷуй бодалелҳои раднашаванда заминаҳои институтсионалии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, чунин муаммоҳои зерини ҳалталабро дар ин бахш ҷудо кардааст: дараҷаи пасти соҳибистиқлолии озуқаворӣи мамлакат; дараҷаи пасти даромаднокии бахши кишоварзӣ, ки ин барои азнавсозии техникию технологии он мусоидат намекунад ва раванди гузаришро тавассути шакли инноватсионӣ- инвеститсионии истеҳсолот мураккаб месозад; дараҷаи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар, инчунин ба эътибор нагирифтан он тағйиротҳои иқтисодӣ - иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз воридшавӣ ба Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо ба вуқӯъ омаданд;

4. Аз таҳкиқотҳои муаллиф бармеояд, ки ӯ дар заминаи арзёбии иқтисодии рушди кишоварзӣ хусусиятҳои танзими давлатии бахши кишоварзиро ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ муайян намуда, принсипҳои ташаккули механизми дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти бахши кишоварзиро дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои хоҷагидорӣ ва таҳдидҳои ҷаҳони имрӯза ошкор намудааст. Илова бар он истеҳсолоти бахши кишоварзӣ аз нуқтаи назари звенои маркази таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои

истеҳсолкунандагони маҳсулоти бахши кишоварзӣ имконоти мухталифро фароҳам месозад, муаррифӣ карда шудааст;
5. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия муқарарроти назариявии шарики давлатӣ ва хусусӣ дар шароити муосиргардонии бахши кишоварзӣ таҳия карда шуда, шаклҳои асосӣ (барномаҳои мақсаднок,минтақаҳои озоди иқтисодӣ, паркҳои технологӣ, фондҳои сармоягузорӣ ва ғайраҳо ва моделҳои (ташкилӣ, маблағгузорӣ, кооператсия ва ҳамгирої) - и шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, ки баландбардории рақобатпазирии бахши кишоварзиро таъмин менамоянд, пешниҳод шудаанд;
6. Унвонҷӯй мавқеи механизми шарикии бахши давлатӣ ва хусусиро дар низоми муосиргардони бахши кишоварзӣ муайян намуда, пешниҳод кардааст, ки муосиргардонии бахши кишоварзӣ ҳамчун низом ва унсурҳои асосии он чун инноватсия, сармоягузорӣ, ниҳодҳои давлатию хусусӣ ва инфрасохтор зуҳур меёбанд. Шарикии давлатӣ ва хусусӣ бошад, аз нуқтаи назари муаллиф ҳамчун як ниҳод ва механизме пешниҳод гардидааст, ки нақши он дар таъмини инкишофи устувори истеҳсолотибахши кишоварзӣ таҷассум меёбад;
7. Муаллифи диссертатсия механизми давлатии дастгирии рушди бахщи кишоварзиро бо назардошти ҷудосозии принсипҳо, шаклҳо, услубҳои танзими давлатӣ пешкаш намудааст. Дар ин механизм шаклҳои дастгирии давлатиисоҳаи кишоварзӣ дар сатҳи дастгирии бахши даромадҳо ва рушди техникӣ- иҷтимоӣ дар соҳа аниқ карда шудааст. Фишангҳои молиявии танзими давлатӣ ва дастгирии бахши кишоварзӣ муқаррар карда шуда, механизми мукаммал гардонидани асосҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва молиявӣ – иқтисодии соҳа асоснок карда шудаанд;
8. Аз ҷониби тадқиқотчӣ роҳҳои баланд бардоштани сатҳи устувории молиявии корхонаҳои бахши кишоварзӣ тавассути субсидиякунони истеҳсоли маҳсулоти бахши кишоварзӣ, рушди ҳама намуди ҳамкориҳои бахши кишоварзӣ, ташкили шабакаи анборҳо ва коркарди аввалияи ашёи хоми бахши кишоварзӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ пешниҳод шудаанд. Он чиз диққатҷалбкунанда аст, ки муаллиф тавонистааст механизми дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ ва танзими сатҳи зиддиинҳисории соҳаро бо риояи меъёрҳо ва принсипхои Созмони умумиҷаҳониисавдо дар доираи «сабади сабз» ё «сабади кабуд», ки барои истеҳсолкунандагони соҳаи алоҳидаи маҳсулотибахши кишоварзӣ дар бозори дохилӣ маҳдудиятҳои рақобати сунъӣ эҷод намекунад, пешниҳод намояд;
9. Ба муаллифи диссертатсия муяссар гардидааст, ки хусусиятҳои қарздиҳиро дар бахши кишоварзӣ ошкор намояд ва сабабҳои камшавии қарздиҳии бонкҳоро ба соҳа бо дарназардошти омилҳои даромаднокии пасти соҳа, болоравии меъёри фоизи қарз, болоравии қурби асъори хориҷӣ, беқурбшавии асъори миллӣ муайян намояд. Унвонҷӯй исбот менамояд, ки дар шароити норасогии қарзи бонкӣ дастгирии давлатӣ бо тариқи пешниҳоди техника ба таври иҷора, додани кафолати устувор баҳри нигоҳдории нархи маҳсулоти соҳаи бахши кишоварзӣ бо таъсиси механизми давлатии хариди маҳсулотҳои истеҳсолгардида ва ҷудосозии

субсидияҳои мустақим ва ғайримустақим бабахши кишоварзӣ самаранокиро баланд гардонида, нақши ин соҳаро дар ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ дучанд мегардонад;

10. Муаллифи диссертатсия самтҳои самарабахши танзими рушди бахши кишоварзиро бо дарназардошти омилҳои рақобатпазирии соҳа, вазъи инфрасохтори соҳа ва норасоии захираҳои молиявӣ муайян намудааст. Чунин тавсияҳои муаллиф, ба монанди, маҳалликунонии сохтори истеҳсолоти маҳсулоти бахши кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ; баланд бардоштани сифати пахта ҳамчун маҳсулоти асосии бахши кишоварзии кишвар ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами хушксозии он; инкишофи робитаҳои истеҳсолӣ байни корхонаҳои бахшҳои кишоварзӣ ва саноат, инчунин ҳавасгардонии молиявии соҳаҳои афзалиятноки бахши кишоварзӣ бо дарназардошти нақши онҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ ва ғанигардонии бозорҳои дохилӣ хеле бамаврид буда, боиси дастгирӣ мебошанд.

## 5. Муҳимияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои баровардашуда ва пешниҳодҳо метавонанд барои:

- амиқ сохтани дониш ва тавзеҳи назарияи танзими давлатии бахши кишоварзӣ ва рушди механизмҳои фаъолгардонии танзими давлатӣ дар бахши кишоварзӣ хидмат намояд;

- коркарди равишҳои методологӣ ва методӣ доир ба арзёбии бахши кишоварзии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки параметрҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси коркард ва амалишавии барномаҳои стратегии рушди соҳа самарабахш гардад;

- шарҳи муаллифӣ оид ба мафҳуми «танзими давлатии бахши кишоварзӣ», ки чунин омадааст:танзими давлатии бахши кишоварзӣ ин маҷмӯи чорабиниҳои назоратию танзимиест, ки ниҳодҳоидавлатии ваколатдор бо истифода аз шаклҳо, усулҳовафишангҳои давлатии таъсиррасонӣ фаъолияти субъектҳоихоҷагидории бахши кишоварзиро бо мақсадитаъмини бозори истеъмолӣбомаҳсулотихушсифатвабаландбардориинекуаҳволиимардум, онро амалӣменамоянд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки:

- тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизмҳои танзими давлатии бахши кишоварзӣ дар комплеси агросанотии мамлакат, ки коркард шудааст, дар мавриди таҳияи стратегияи рушди низоми бахши кишоварзии мамлакат истифода хоҳанд шуд;

- роҳҳои мукаммалсозии сарчашмаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетии маблағгузории комплекси агросаноатӣ, дар асоси рушди ташкилотҳои қарзии кишвар ва ҷалби онҳо ба ин соҳа, ба рушди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар комплеси агросаноатӣ такон мебахшанд.

- маводи тадқиқотӣ дар раванди таълимии фанни "Иқтисодиёти КАС», «Иқтисоди кишоварзӣ», «Менеҷменти кишоварзӣ» "Танзими

давлатии иқтисодиёт” ва ғайра истифода мешаванд.

Андешаҳои назариявии диссертация метавон гуфт, ки дар густаришу рушди назарияи такмили давлатии бахши кишоварзӣ, назарияву амалияи танзими давлатии бахши кишоварзӣ саҳмгузор хоҳад гашт. Пешниҳодҳоикоркардшударо метавонандмақомотҳоидавлатӣдар мавриди такмили танзимифаъолиятисармоягузорӣдарбахши кишоварзӣ истифодабаранд. Баъзенуқтаҳои муҳими диссертатсияромумкин астдарбарномаҳоидавлатии дастгириирушдибахши кишоварзӣ татбиқнамуд.

## 6. Мутобиқат бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Объект, предмет ва навгониҳои рисола ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳоиКОА-иназдиПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз руйи самти ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) иҷрогардида, ба бандҳои зерин: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ; 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес, мувофиқатменамояд.

## 7. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашриҳои илмӣ

Асарҳои интишоршуди муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯинатиҷаҳоитадқиқотмақолаҳоиилмииимуаллиф дар маҷаллаҳоиазтарафиКОАэътирофшуда, чопкардашудаанд. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои олимони ҷавон, аспирантон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати профессорону устодон, аспирантҳо ва кормандони илмии Донишгоҳи миллииТоҷикистон (солҳои 2009-2020) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 20 кори илмӣ бо ҳаҷми 19,7 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои дорои тақризи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 7,8 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд.

Саҳми шахсии унвонҷуй дар коркарди ҳамаи паҳлӯҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, танзими давлатии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок гардида, омодасозии мақолаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия ва тасвиби натиҷаҳои тадқикот дар конферентсияҳои илмӣ-амалӣ ва ҳалқаҳои илмии соҳаҳои гуногун зоҳир мегардад.

**8. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертасия**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии татқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он тавсифии умумии кор, мӯҳтавои асосии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, хулоса ва пешниҳодот, пешниҳодот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи интишороти илмии муаллиф вобаста ба мавзӯи тадқиқот ҷой дода шудааст.

**9.Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, татқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор камбудию носаҳеҳиҳо аст, ки умуман ба сифати илмии диссертатсиятаъсири калон намерасонанд. Эроду дархостҳои муқарриз инҳоанд:

1. Ба фикри мо, муаллиф, ҳангоми асоснокунии муҳиммияти мавзӯи диссертатсионӣба он бештар аҳамият медод ва ин қисматро васеътар мекард;

2.Яке аз вазифаҳоимуаллифин таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва коркарди методологии таккомулимеханизмитанзими давлатии хоҷагии қишлоқдар шароити иқтисоди бозорӣ муаяйн шудааст. Хуб мешуд, ки масъалаи такмили механизми ҷалби сармоягузориҳобасоҳаикишоварзӣба таври бояду шояд мавриди таҳлил қарор додамешуд;

3. Сифати илмиии диссертатсия боз ҳам баланд мегардид, агар муаллиф ба моҳият ва хусусиятҳои коркард вамушкилоти татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣҷиддитар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд;

4. Муаллиф ба таҳқиқи танзими механизми истифодабарии замин кам аҳамият додааст ва тахлили чунин мушкилотҳо, ба монанди, танзими андозситонӣ, муносибатҳои рентавӣ аз мадди назар дур мондаанд;

5.Дар масъалаи такмилдиҳиинизомисарчашмаҳои дастгирии молиякунониибахши кишоварзӣ, умуман дастгирии молиявӣдарин соҳа зарур буд, ки муаяйн мешуд: дар кадом бахши зерсоҳа сармоягузории давлатӣ, хусусӣ ва рушди соҳибкорӣ самаранок аст;

6. Мо интизор будем, ки дар ин тадқиқот бархе аз механизмҳои мустақим ва ғайримусақими такмили танзими давлатии рушди хоҷагиқишлоқ муфассал таҳлили худро меёфт;

7. Дар матни диссертатсия як қатор саҳвҳои забонӣ, ки бо истилоҳоти забонӣ давлатӣ мутобиқ нестанд, вомехӯранд.

Аммо эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии татқиқоти диссертатсионии Собирзода Нуралӣ Миралиро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмӯъ диссертатсия тадқиқоти ҷиддии илмӣ буда,

мустақилияти муаллифро дар пажӯҳиш ва ҳалли муаммоҳои илмии такмили танзими давлатии бахши кишоварзииҶумҳурииТоҷикистон ифода менамояд.

**10.Мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи "Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва сазовор донистан ба унвони илмӣ"**

Камбудиҳои дар боло зикршуда хислати баҳснок доранд ва хеҷ гоҳ баҳои умумии мусбии диссертатсияро паст намекунанд.Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсияи пешниҳодшуда дар мавзӯи "Мукаммалсозии механизми танзими давлатии бахши кишоварзииҶумҳурии Тоҷикистон дар шароити бозор"бешубҳа кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, ҷой дорад ва комилан ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст. Аз ин лиҳоз муаллифи он Собирзода Нуралӣ Миралӣсазовори гирифтани дараҷаи доктории илмҳоииқтисодӣазрӯиихтисоси 08.00.05 – иқтисодиётваидоракуниихоҷагиихалқ: менеҷмент мебошад.

**Муққаризи расмӣ:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиҷаҳони Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Раҳматзода Ҳ.Б.**

_______________2020с.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Турсунзода, 30
Телефонҳо: (+99237) 227-15-71, 907- 75- 39- 81

Имзои д.и.и., профессор Ҳ.Б. Раҳматзода– ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо** ___________

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
ОТДЕЛ КАДРОВ